ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)

Диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илмҳои педагогӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ бахшида шуда, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи нақш ва аҳаммияти бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равона гардидааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла сиёсат, иқтисод, иҷтимоиёт, илм, фарҳанг ва маориф заминаи мусоид фароҳам овард. Дар шароити муосири рушди ҷомеа омода намудани мутахассисони баландихтисос, рақобатпазир ва дорои қобилияти мутобиқ шудан ба талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат яке аз вазифаҳои муҳимми низоми таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Забони англисӣ дар замони муосир дар ҳамаи самтҳо – соҳаҳои илм, технология, иқтисод, фарҳанг ва муносибатҳои байналмилалӣ ба таври васеъ истифода гардида, барои мутахассисон имконияти дастрасӣ ба манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ ва илмиро фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани сифати таълими забони англисӣ ва ҷустуҷӯи роҳу усулҳои самарабахши ташаккули салоҳияти забонии хонандагону донишҷӯён яке аз масъалаҳои муҳимми низоми муосири маориф маҳсуб меёбад.

Сохтори диссертатсия мантиқӣ, пайдарҳам ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, аз муқаддима, панҷ боб, хулосаҳои байнибобӣ, хулосаи умумӣ ва тавсияҳо, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Тартиби ҷойгиршавии қисмҳои таҳқиқот ба ҳалли пайгиронаи масъалаҳои гузошташуда мусоидат намуда, аз сатҳи баланди фарҳанги илмии муаллиф шаҳодат медиҳад.

Сохтор ва мундариҷаи рисола

Муқаддима аҳамияти мавзӯъро пурра асоснок мекунад, сатҳи дарки масъалаи илмиро арзёбӣ мекунад, объект, ҳадаф ва фарзияи тадқиқотро муайян мекунад, ҳадафҳоро тартиб медиҳад, асосҳо ва усулҳои методологиро ошкор мекунад ва навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии корро нишон медиҳад. Унсури муҳим ин тартиб додани нуктаҳои асосии ҳимояшаванда, инчунин маълумот дар бораи таҷрибаи гузаронидашуда ва маводи тадқиқотии истифодашуда мебошад.

Боби якуми диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявии нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ» аз се зербоб иборат буда, дар он оид ба истифодаи бозӣ ҳамчун воситаи таълиму тарбия дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ, технологияи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ ва хусусиятҳои дузабонӣ дар муҳити омӯзиш, инчунин, нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ, дар мавриди мо забони англисӣ, сухан рафта, дараҷаи омӯзиши он дар таҳқиқоти олимони шуравӣ, Аврупо ва муҳаққиқони ватанӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола – «Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаи ибтидоии таълими забони англисӣ» бахшида шуда, дар он истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи самараноки таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд таъкид кард, ки хусусияти асосӣ дар бештари бозиҳо – ин инкишофёбӣ, фаъолияти эҷодӣ, руҳбаландкунии эмотсионалӣ, рақобат, муносибат мебошад. Қоидаҳои бавосита ва бевоситаи ифодакунандаи мазмуни бозӣ, низомнокии мантиқӣ ва муддатнокии инкишофи он бояд ба назар гирифта шавад.

Боби сеюми рисола – «Хусусиятҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ» унвон гирифтааст. Таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ ҷузъи муҳимми омодагии касбии мутахассисони соҳаи забон ба ҳисоб рафта, ба ташаккули маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаҳои забонӣ, нутқӣ ва касбии донишҷӯён равона мегардад. Дар чунин муассисаҳо забони англисӣ ҳамчун воситаи муошрати касбӣ, фаъолияти маърифатӣ, кор бо иттилооти илмӣ ва робитаи байнифарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор

мегирад. Бинобар ин, ташкили раванди таълим бояд ба хусусияти касбии омодагии донишҷӯён, сатҳи забондонӣ ва натиҷаҳои интизоршавандаи таҳсил мутобиқ карда шавад.

Боби чоруми рисола – «Бозиҳои забонӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар таълими забони хориҷӣ» унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. Мафҳуми бозии забонӣ ва истифодабарии он дар таълими забон, блингвизми сунъӣ таҳлил гардида, нуктаи назари муҳаққиқони гуногун нисбат ба ин истилоҳот оварда шудааст. Ин нукта барои таҳқиқоти мо аҳаммияти методологӣ дорад, зеро забонро дар робита бо фаъолияти инсон баррасӣ менамояд. Яъне, воҳиди забонӣ маъно ва вазифаи худро дар раванди истифода, амал ва муошират пурра зоҳир мекунад.

Боби панҷуми рисола – «Технологияи истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ» номгузорӣ гардидааст. Таҳлили хусусиятҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ нишон медиҳад, ки баланд бардоштани самаранокии раванди таълимро танҳо тавассути зиёд намудани ҳаҷми маводи луғавию грамматикӣ, истифодаи воситаҳои техникӣ ё ворид намудани шаклҳои алоҳидаи интерактивӣ таъмин намудан имконнопазир аст. Яке аз аломатҳои муҳими технологияҳои муосири таълими забони англисӣ мақсаднокии педагогӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳия ва асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию мелодии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ, муайян намудани шароитҳои педагогии татбиқи онҳо ва пешниҳод намудани роҳҳои такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ифода меёбад

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои назариявӣ дар мушаххас намудани моҳият ва имкониятҳои педагогии бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ, ба низом даровардани асосҳои назариявию методологии истифодаи онҳо, муайян намудани принсипҳо ва шароитҳои педагогии татбиқи самараноки фаъолияти бозӣ ва такмили тасаввуроти илмӣ оид ба ҷойгоҳи бозиҳои дидактикӣ дар низоми усулҳои фаъоли таълими забони хориҷӣ ифода меёбад.

Қобили таъкид аст, ки Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар ҷараёни анҷом додани таҳқиқоти мазкур худро ҳамчун муҳаққиқи соҳибтаҷриба, масъулиятшинос, меҳнатдӯст ва дорои ҷаҳонбинии васеи илмӣ муаррифӣ намудааст. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф нисбат ба интихоби мавзӯъ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти соҳавӣ, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, коркарди натиҷаҳо ва ҷамъбасти онҳо бо эҳсоси баланди масъулият муносибат кардааст. Ҳаҷми назарраси маводи таҳлилшуда, фарогирии масъалаҳои назариявию амалӣ ва мантиқияти сохтори таҳқиқот аз муносибати софдилона ва виҷдононаи муаллиф ба фаъолияти илмӣ шаҳодат медиҳанд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот сатҳи баланди донишҳои назариявӣ, қобилияти таҳлилу ҷамъбаст, малакаи истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти педагогӣ ва маҳорати кор бо сарчашмаҳои илмии ватаниву хориҷиро нишон додааст. Сифатҳои инсонӣ, аз қабили масъулиятшиносӣ, садоқат ба касб, меҳнатдӯстӣ, фарҳанги баланди илмӣ ва муносибати ҷиддӣ ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар тамоми муҳтавои диссертатсия равшан инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии кори илмии Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия инъикос ёфта, аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, бо маълумоти боэътимоди назариявию методӣ ва таҳлилӣ тасдиқ шудаанд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии довталаб, ки дар нашрияҳои илмии тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инчунин дар маърузаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии сатҳҳои гуногун инъикос ёфтаанд.

Диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзӯи «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферати диссертатсияҳо (Қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3)

ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмии:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Рузиева Лола Толибовна**

16.01.26 г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Телефон: +992 945 88 10 88
Почтаи электронӣ: akila.ru@mail.ru

“Имзои Л.Т.Рузиеваро тасдиқ мекунам”

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои маҳсуси ДМТ **Шодихонзода Э.**